«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, профессор Маҳмадёрзода У.М.

________________

«15» ________соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L.*)» аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Рисола ба шиносномаи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд:

**Мувофиқи банди 1.** Омӯзиши сохт ва хосиятҳои пайвастаҳои органикӣ бо истифодаи усулҳои химиявӣ, физикӣ-химиявӣ, физикии таҳқиқот ва ҳисобҳои назариявӣ. – боби 2.3.;

**Мувофиқи банди 2.** Омӯзиши қобилияти реаксионӣ ва механизмҳои реаксияҳои пайвастаҳои органикӣ. Тавсифи назариявии вобастагиҳои байни сохт, хосият, қобилияти реаксионии пайвастаҳои органикӣ ва пайвастаҳои таббиӣ.– бобҳои 1.2. ва 2.3;

**Мувофиқи банди 3.** Кашфи моддаҳои нави органикӣ, реаксияҳои нави пайвастаҳои органикӣ, усулҳои таҳқиқ, экстраксия ва ҷудокунии моддаҳои органикӣ аз объектҳои таббиӣ.– боби 2.3.;

**Мувофиқи банди 6.** Фитохимия ва ҷудокунии моддаҳои органикӣ аз объектҳои таббиӣ.– бобҳо. 1.2 ва 2.3.

Аз ин рӯ, вазифаҳои асосие, ки дар назди илми химия гузошта шудааст, ин пеш аз ҳама такмили номгӯйи маводи фаъоли биологӣ бо роҳҳои тавлиф (синтез), экстраксия, ҷудокунӣ, омӯзиши мунтазами онҳо ва пайванди натиҷаи ба дастомада дар истеҳсолот мебошад. Дар ин ҷода ба роҳ мондани саноати ватанӣ оид ба истеҳсоли маводи фаъоли

биологӣ, аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад, ки норасогии онҳо дар бисёре аз соҳаҳои тиб ҳис карда мешавад.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, “Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №165), “Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №263), Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030 “Оид ба таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо маводи ғизоӣ”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503), “Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №170), «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025», (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №264), «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030», Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040, лоиҳаҳои фармоишии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуи «Омӯзиши фитохимиявии растаниҳои шифобахш ва худрӯйи Тоҷикистон бо мақсади дарёфти моддаҳои фаъоли биологӣ ва маводи доругӣ» (рақами ба қайдгирии давлатиаш №0121TJ01002) иҷро карда шудааст. Натиҷаи таҳқиқот ҷиҳати иҷро гардидани бандҳои консепсия, стратегияву барномаҳои давлатии зикршудаи самти фанҳои табиӣ мусоидат карда метавонад.

**Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Эътимоднокии натиҷаи бадастовардашуда бо истифода аз усулҳои муосири химиявӣ-биохимиявӣ: ИС, Масс-спектроскопия ва таҳлили хроматографияи маҳинқабат ва Третьяков 1990, Доспехов 1985, Гавриленко 1975, Lichtenthaler 1983, Wettctein, 1957, Гагаринский 2014, таъмин ва асоснок карда шудааст.

Хулосаи кори диссертатсионии Иззатуллозода Алихон Саидкул аз 5 банд иборат буда, дар ҳар як банди он натиҷаи вазифаҳои дар назди муаллиф гузошташуда оварда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда дар он ифода меёбад.**

1. Экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор гузаронида шуда, шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* муқаррар карда шуда, синфи органикии онҳо муайян карда шуданд.

2. Бори аввал оид ба тоза намудани пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ *U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор бо истифода аз усули хроматографияи маҳинқабат, хроматографияи баланэффект гузаронида шуда, таҳқиқи физикӣ-химияви пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* гузаронида шуданд.

3. Таҳқиқи хромотографӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ оид ба *U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва *U.dioica*, ки дар дигар кишварҳо омӯхта шудааст гузаронида шуда, бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект оид ба муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* амалӣ карда шуданд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Дар кори диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқи васеъи химиявӣ, яққатор масъалаҳои асосии илмӣ дар химияи органикӣ, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Равиши методологии дар кори диссертатсионӣ татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии дар асоси он ба даст овардашуда имкон дод, ки дар бораи самаранокии истифодаи методикаи ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз ҷумла, кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор бо, бо методҳои

спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект сохт ва таркиби онҳо муайян карда шуданд, инчунин тозагии пайвастаҳои ҷудокардашудаи узвҳои рӯйизаминӣ, зерӣзаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* амалӣ карда шуда ва хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешбронӣ онҳо ошкор карда шуданд, ки ин ҳама метавонад дар химияи дорусозӣ асос гузошта, барои ба роҳ мондани маводди доругӣ шароит фароҳам орад.

Коркарди илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химия, биохимия, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба афзоиш ва инкишофи растаниҳо дар факултетҳои химия ва биологияи донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд, ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Муқаррар карда шудааст, ки ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз ҷумла, кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор амалӣ карда шуда, бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект сохт ва таркиби онҳо муайян карда шуданд, инчунин тозагии пайвастаҳои ҷудокардашудаи узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* амалӣ карда шуда ва хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешбронӣ онҳо ошкор карда шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Маълумотҳои бадастомада бо усулҳои замонавии физикӣ-химиявии таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳо таъмин ва асоснок карда шудааст. Эътимоднокии натиҷаҳоро бо истифода аз методҳои стандартӣ, танзими амиқи таҷҳизоти ченгирӣ, такроршавии натиҷаҳо дар доираи васеи шароити беруна, мутобиқатии натиҷаҳои таҷрибавии таҷрибаҳои назоратӣ бо иттилооти дигар муаллифон тасдиқ менамоянд. Таҳқиқот бо истифода аз усулҳои классикии маъмулӣ ва муосир гузаронида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот бо усулҳои коркарди математикӣ таҳлил шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.**

Ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти илмӣ, муайян кардани мақсаду вазифаҳо ва нақшагирии таҳқиқот, таҳқиқоти экспериментали, ченгириҳо, ҳисоббарориҳо, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои бадастовардашуда, шарҳи натиҷаҳо, омода ва нашр кардани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳо шахсан аз тарафи муаллиф гузаронида шудаанд, инчунин дар таҳия ва тартиб додани мавқеъҳои асосӣ ва хулосаи диссертатсия иборат аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Мундариҷаи асосии кор дар 13 мақола, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ, инчунин 4 мақола дар маҷмуаи конфронсҳо нашр гардидааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия бо натиҷаҳои илмию таҳқиқотӣ ҷамъбаст карда шудааст, унвонҷӯ мустақилона дар сатҳи даркории илмӣ корҳои худро ба сомон расонидааст. Дар диссертатсия натиҷаҳои илмӣ оварда шудаанд, ки онҳо ҳамчун коркарди илмӣ асоснок карда шуда, дар таҷриба татбиқ ва тасниф карда шуда, барои ҳалли вазифаҳои муҳими химия ва ба амал баровардани он аҳаммияти назарас дорад. Диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқи пурра иҷро шуда буда, хело муҳим ба ҳисоб меравад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 130 номгӯйро дар бар мегиранд, аз он ҷумла 13- номгӯйи корҳои илмии довталаб иборат аст. Диссертатсия дар 142 саҳифа баён гардида, дар он 8 нақша ва 37 ҷадвал оварда шудааст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ муайян карда шуданд.

**Дар боби якуми** диссертатсия муаллиф сарчашмаҳои ба мавзуъ алоқаманди солҳои охирро аз адабиёти ватанию хориҷӣ инъикос кардааст. Дар боби мазкур маълумоти адабиётӣ оид ба хусусиятҳои ботаникии авлоди газна *Urtica* L, истифодаи газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L дар тибби халқӣ, ҳозиразамон ва хусусиятҳои фармакологии газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L гирд оварда шудааст.

**Дар боби дуюми** «Қисми экспериментали (таҷрибавӣ). Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ натиҷаҳои таҷрибавиро бо усулҳои ҳозиразамонӣ

химиявӣ ва физикӣ-химиявӣ, бо муваффақият аз худ кардааст. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқоти илмӣ, аз ҷустуҷӯ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумоти илмӣ оид ба коркарди методикаи экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор иборат буд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ экспериментҳои дар диссертатсия овардашударо мустақилона иҷро намуда, пайвастаҳои ниҳоиро ҷудо ва тоза намудааст. Омӯзиши спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект оид ба муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисорро шарҳ додааст, тасдиқи корҳоро дар конференсияҳои дараҷаҳои гуногун маърӯза намуда, оид ба тайёр кардани нашрияҳо корҳоро ба анҷом расонидааст. Таҳияи хулосаҳо ва талаботи асосии диссертатсияро мустақилона ба анҷом расонида саҳми ӯ 80 фисадро дар бар мегирад.

**Дар боби сеюми** диссертатсия дар бораи экстраксияи узвҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L. буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба таҳқиқи физикӣ-химияви пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L.-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор (ноҳияи Шаҳринав), таркиби химиявии газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L, таҳқиқи фармакологии экстрактҳои узвҳои рӯйи заминӣ ва зери заминии газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L., хусусияти зидди илтиҳобии экстракти ғафси решаи газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L. ва хусусиятҳои зидди бактериявии экстракти решаи газнаи духонагӣ -*Urtica dioica* L. натиҷаҳои назаррас ба даст оварда, вобаста ба онҳо ба таври возеҳ дар ҳамин қисмати кор нишон додааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**Мутбиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Иззатуллозода Алихон Саидқул ба ихтисосии илмии

дархосшаванда аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар рафти таҳқиқотҳояш вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст:

- экстраксияи узвҳои руйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* ва ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* ва муайян намудани синфи пайвастаҳои органикии онҳо;

- тоза намудани пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ -*U.dioica* бо истифода аз усули хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баландэффект, таҳқиқи хромотографи, баҳодиҳии муқоисавӣ оид ба газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва *U.dioica*, ки дар дигар кишварҳо омӯхта шудааст;

- таҳқиқи физики-химиявию биологии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ -*U.dioica* бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баландэффект муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор (ноҳияи Шаҳринав).

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб чунинанд:

1. Ҳангоми баррасии адабиёти илмӣ дар бораи газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор (ноҳияи Шаҳринав) маълумоти сарчашмаҳои илмӣ оид ба захираҳои табиии объекти таҳқиқот кам оварда аст, бештар мешуд, ба манфияти кор мебуд.

2. Дар матни рисола ва автореферат, ки бо забони давлатӣ таълиф шудааст, хатоҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки онҳо танҳо хусусияти мубоҳисавӣ доранд.

3. Диссертант дар кор ҳамчун экстрагент аз консентратсияҳои гуногун истифода намудааст. Вале дар бораи бартарии консентратсияҳо ба таври возеҳ вобаста ба экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор гуфта нашудааст.

4. Лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид бо лактонҳои дигар намудҳои газнаи духонаги *Urtica dioica* L. дар муқоиса бо таркиб оварда нашудааст.

5. Дар диссертатсия бештар маълумотҳо дар шакли ҷадвалҳо оварда шудаанд, агар онҳо бо коркарди пурраи математикӣ ва бо тариқи диаграмма оварда мешуданд, мазмунашонро хубтару возеҳтар баён менамуданд.

6. Дар диссертатсия оид ба хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ экстрактҳои узвҳои руизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ ва дараҷаи хатарнокии он маълумот кам оварда нашудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулоса, диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «**Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L.*)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он Иззатуллозода Алихон Саидқул ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06. 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Такриз аз ҷониби номзади илмҳои химия, муаллими калони кафедраи химияи ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур омода гардидааст.

Такриз дар ҷаласаи кафедраи химияи ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №5 аз 12 декабри соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -12 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои химия,
дотсенти кафедраи химияи
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Аъзамов Ш.О.
Тел.: (+992) 931-82-46-99
E-mail: dat1990@inbox.ru

**Эксперт:**
номзади илмҳои химия,
муаллими калонии кафедраи химияи
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Сангов М.М.

**Котиби илмии ҷаласа:** Зоирова З.Т.

Имзоҳои Ш.О. Аъзамов, Сангов М.М.ва З.Т. Зоироваро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 146.
тел: (+992-37) 224-72-07.
E-mail: rectortau31@mail.ru

«12» 12 соли 2025